УДК 001.893 (575.3) DOI: 10.65599/ABJW6440

# НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИИ МИНБАЪДАИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ВА ТАҶРИБАВИИ ЛОИҲАКАШӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қ.Х. Миралиев

Муассисаи давлатии «Маркази миллиии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур муаллиф роҳҳои навро, вобаста ба рушди робитаи илм бо истеҳсолот ва татбиқ намудани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар асоси низоми идоракунии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ лоиҳакашӣ (КИТТЛ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Низоми ба таври нақшавӣ таҳияшудаи идоракунии КИТТЛ, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблгузорӣ карда мешавад, шаш марҳиларо дар бар мегирад: банақшагирӣ, маблағгузорӣ, иҷро ва баҳисобгирии КИТТЛ, назорати эҷод ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (НФЗ), таҳлили самаранокии КИТТЛ.

***Калидвожаҳо:*** *Робита, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, низоми идоракунӣ, устувории иқтисодиёт, саноат, фаъолияти зеҳнӣ, ширкат, стратегияи миллӣ, натиҷаҳои фаъолияти илмӣ.*

# СИСТЕМА ЭФФЕКТИВНОГО ДАЛЬНЕЙШЕГО УПРАВЛЕНИЯ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИМИ И ОПЫТНО-КОНСТРУКТОРСКИМИ РАБОТАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

К.Х. Миралиев

В данной статье автор предложил новые пути развития связи науки с производством и реализации результатов научной и научно-технической деятельности на основе системы управления научно-исследовательскими и опытно-конструкторскими работами (НИОКР) в Республике Таджикистан. Схематично разработанная система управления НИОКР, финансируемая из государственного бюджета Республики Таджикистан, включает шесть этапов: планирование, финансирование, исполнение и учет НИОКР, контроль за созданием и использованием резулӣтатҷ интеллектуалӣной деятелӣности (РИД), анализ эффективности НИОКР.

***Ключевые слова:*** *коммуникация, научные исследования, система управления, экономическая устойчивость, отрасль, интеллектуальная деятельность, компания, национальная стратегия, результаты научной деятельности.*

# A SYSTEM FOR EFFECTIVE FURTHER MANAGEMENT OF RESEARCH AND DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

K.Kh. Miraliev

In this article, the author proposes new ways to develop the connection between science and production and the implementation of scientific and technical results based on a system for managing research and development (R&D) in the Republic of Tajikistan. The schematically developed R&D management system, financed from the state budget of the Republic of Tajikistan, includes six stages: planning, financing, execution and accounting of R&D, monitoring the creation and use of intellectual property (RID) results, and analyzing R&D effectiveness.

***Keywords:*** *communication, scientific research, management system, economic sustainability, industry, intellectual activity, company, national strategy, results of scientific activity.*

## Муқаддима

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ мақсаду ҳадафҳои заруриро оид ба таъмин намудани сатҳи баланди некӯаҳволӣ ва беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолиро гузошта аст. Яке аз роҳҳои имконпазири ноилшави ба ин мақсаду ҳадафҳо, гузариши иқтисоди миллӣ ба модели рушди инноватсионӣ ба шумор меравад. Бо мақсади таъмини устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он ва бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 28 декабри соли 2018 солҳои 2022-2026 -ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд [1].

Сохтори саноати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об, саноати истихроҷи маъдан ва саноати коркард иборат мебошад. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи соҳаҳои саноат дар ҷумҳурӣ, дар соли 2022, 2802 ададро ташкил медиҳад. Айни замон, соҳаҳои асосии саноат дар кишвар инҳоянд: энергетика, металлургӣ, нафт, кимиё, саноати сабук, саноати хӯрока ва ғайра. Корхонаҳои калонтарини саноатии кишвар дар соҳаи металлургия инҳоянд: КВД “Ширкати алюминийи тоҷик”, Комбинати сурб-руҳи Адрасман, ҶДММ КМ “Зарафшон”, ҶМ ТК ММ “Апрелевка”, ҶДММКМ ТА “Анзоб”, ҶДММ “Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой” ва ғайра [2].

Таҳлили вазъи бахши истеҳсолот дар кишвар нишон медиҳад, ки айни замон номувофиқи байни соҳаҳои илмӣ-техникӣ, истеҳсолот ва инноватсионӣ ба назар мерасад. Соҳаи илмӣ-техникӣ бахши истеҳсолиро бо таҳияҳои инноватсионӣ таъмин намекунад. [3]. Ҳол он ки дар соҳаи илму техника натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба вуҷуд меоянд. Соли 2022 ҷиҳати беҳтар гардонидани вазъи маблағгузории соҳаи илм ва амалӣ намудани дастовардҳои илм дар истеҳсолот аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар

бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ» қабул қабул карда шуд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки роҳу воситаҳои татбиқи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ дар гардиши иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ то ба имрӯз роҳи худро наёфтааст. Дар муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҳсилоти касбӣ раванди робитаи илм бо истеҳсолот ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимону ихтироъкорон ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест. Айни замон, ҳамкории муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ бо корхонаҳои саноатӣ, соҳибкорон, деҳқонон ва бахши хусусӣ дар иҷрои корҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ то ҳол ҷорӣ нагардидааст [4].

## Принсипҳои мақсадноки ташкили низоми идоракунии КИТТЛ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки идоракунии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ - конструкторӣ як қисмҳои ҷудонашавандаи ширкату корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Модели робитаи илм ва истеҳсолот таърихи тӯлонӣ дошта, ҳанӯз дар асри XIX ташаккул ёфтааст. Дар соли 1867 аввалин озмоишгоҳи саноатии иттиҳодияҳои химиявии BASF таъсис дода шуд. Сипас, дар оғози асри XX, шуъбаҳои илмӣ-тадқиқотии ширкатҳои General Electric, Bell Telephone, Kodak ва ғайра таъсис дода шуданд [5]. Имрӯзҳо дар ҳамаи ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ: Apple, Samsung, Toyota, BMW, Boeing ва ғайра шуъбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ мавҷуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як ширкат дар сохтораш институли илмӣ-тадқиқотӣ дорад, ки ин ҳам бошад Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи тоҷик" мебошад. Дар зерсохтори ширкат Муассисаи давлатии Институти илмӣ-тадқиқотии "Металлургӣ" фаъолият менамояд.

Дар замони Шуравӣ занҷира ё ин, ки робитаи анъанавии «Донишгоҳ – муассисаи (инстиути) илмӣ-тадқиқотӣ – бюрои конструкторӣ – корхона» таъсис дода шуда буд, ки дар айни замон ин робита аз байн рафтааст. Ин робитаро дар давраи муносибатҳои бозоргонии замони муосир барқарор кардан мушкил аст. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ, ширкатҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ бояд худашон дурнамои рушдиояндаи фаъолиятишонро муайян намоянд. Дар сохтори корхонаҳояшон таъсиси шуъбаҳои илмӣ-техникӣ зарур аст, то ин, ки маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намуда, ба бозор маҳсулоти худро бароранд.

Дар ин ҷо савол ба миён меояд: чаро баъзе ширкатҳоӣ хориҷӣ ҳазорҳо патент доранду дигарон, яъне ширкатҳои кишвари мо якто, дуто ва сеюмин умуман надоранд, ё фаромӯш кардаанд, охирин патенти ихтироъро кай гирифтанд? Дар Ҷадвали 1 номгуи ширкатхое, ки соли 2023 ба онҳо бештар патент дода шудааст оварда шудааст.

Ҷадвали 1 – Ширкатҳое, ки соли 2023 дар ИМА ба онҳо бештар патент дода шудааст

| № | Номи ширкат | Ширкатҳое, ки соли 2023 дар ИМА ба онҳо бештар патент дода шудааст |
|---|---|---|
| 1. | Samsung Electronics Co Ltd | 6165 |
| 2. | Qualcomm Inc | 3854 |
| 3. | Taiwan Semiconductor Manufacturing CoTSMC Ltd | 3687 |
| 4. | International Business Machines Corp | 3658 |
| 5. | Canon Inc, | 2890 |
| 6. | Samsung Display Co Ltd | 2564 |
| 7. | Apple Inc | 2536 |
| 8. | LG Electronics Inc | 2293 |
| 9. | Micron Technology Inc | 2233 |
| 10. | Intel Cor | 2145 |

Таҳлили раванди низоми идоракунии фаъолияти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба маблағгузории лоиҳаҳои фармоиши илмию тадқиқотӣ, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд нишон медиҳад, ки номувофиқати методологӣ, ташкилию ҳуқуқӣ барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ба назар мерасад.

Ҷадвали 2 – Ташкилоту ширкатҳои дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон патентгирифта

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Ҳуҷҷати ҳифозатӣ |
|---|---|---|
| 1. | Консерни «Мадад» | 1 |
| 2. | Ширкати тиҷоратии илмӣ-истеҳсолӣ «Доро» | 1 |
| 3. | Корхонаи хурди «Муҳандис "А"», Корпоратсияи «Сафо» | 1 |
| 4. | Ҷамъияти саҳомии "Қолинҳо" | 6 |
| 5. | Корхонаи хурди «Занд» | 4 |

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Ҳуҷҷати хифозатӣ |
|---|---|---|
| 6. | Корхонаи хурди «Химзавод» | 2 |
| 7. | Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи “Душанбе” | 4 |
| 8. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Тадж Фармпром инвест” | 1 |
| 9. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Қалъаи Ҳусайн” | 1 |
| 10. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Салоса” | 1 |
| 11. | Ассотсиатсияи “Одамият” | 1 |
| 12. | МД “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии металлургӣ” КВД “Ширкати алюминии тоҷик” | *2* |
| 13. | ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон | 2 |
| 14. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “САТН” | 2 |
| Ҳамагӣ | | 29 |

Барои ҳалли масъалаи мазкур, истифодаи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, усулҳои боэътимод зарур аст, ки он ба ташаккули методологияи низоми идоракунии корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашӣ (КИТТЛ) нигаронида шуда бошад.

Бояд таззаккур дод, ки солҳои охир барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот якчанд санади меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои давраи то соли 2030 ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ” таҳия ва қабул карда шудааст. Аммо механизм ё ин ки модели низоми идоракунии КИТТЛ дар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии ҷумҳурӣ то ба имрӯз номуайян аст. Вобаста ба ин ба андешаи мо дар ҷумҳурӣ бояд низоми идоракунии КИТТЛ дар асоси муқарраротӣ зерин сохта шавад, ки он аз чунин бандҳо иборат бошад:

- низоми идоракунии КИТТЛ бояд тамоми маҷмуи вазифаҳои ташаккул ва рушди таъмини меъёрии ҳуқуқӣ аз ҳадафгузорӣ ва банақшагирӣ то таҳлилу танзими ҳолат ва самаранокии фаъолияти ҳамаи ҷузъҳои низомро фаро гирад. Давраи ҳаёти ҳар як ҷузъи низом бояд бо талабот ба зарурат ва самаранокии он таъмин карда шавад ва дар ҳолати зарурӣ арзёбии объективӣ барои қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ дода шавад:
- ҳар як ҷузъи низом, ки дар ҳалқаи умумии танзим иштирок мекунад, бояд дорои салоҳиятҳои дақиқмуайяншуда, ки ба ӯҳдадориҳои он мувофиқ аст, дошта бошад;
- КИТТЛ бояд самаранок бошад, натиҷаҳои онҳо аз ҷониби бахши саноатӣ барои эҷоди маҳсулоти инноватсионӣ бояд талабгор дошта бошанд;
- низом бояд ҳам барои фармоишгарони давлатӣ ва ҳам барои иҷрокунандагон фаҳмо бошад [6].




*Расми 1– Модели нави идоракунии КИТТЛ дар Тоҷикистон*

Низоми ба таври нақшавӣ таҳияшудаи идоракунии КИТТЛ, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблгузорӣ карда мешавад, шаш марҳилаи татбиқи давраи солонаро дар бар мегирад: банақшагирӣ, маблағгузорӣ, иҷро ва баҳисобгирии КИТТЛ, назорати эҷод ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (НФЗ) таҳлили самаранокии КИТТЛ. Имрӯз дар ҷумҳурӣ чор унсури низоми мазкур амал мекунад: банақшагирӣ, маблағгузорӣ, иҷро ва баҳисобгирии давлатии КИТТЛ, ки таъминоти меъёрию ҳуқуқии дахлдор доранд. Ду унсури боқимонда, бояд ба нақшаи КИТТЛ чунин корҳо дохил карда шаванд: назорат ва таҳлили самаранокии КИТТЛ.

## Низоми идоракунии КИТТЛ дар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилот олии касбӣ

**Марҳилаи 1. Банақшагирии КИТТЛ.** Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон банақшагирӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сенябри соли 2020, №503 “Дар бораи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” аз ҷониби муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар сурат мегирад.

Масъалаҳои банақшагирии КИТТК ташаккули фармоишҳои давлатӣ ба онҳо дар ҳоли номуайянӣ қарор дорад. Дар ҷумҳурӣ бояд мақоми ягонаи ҳамоҳангсоз муайян карда шавад, ки барои фаъолияти механизми ташаккули фармоиши давлатӣ барои таҳқиқот ва коркардҳои илмии амалӣ дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул бошад [7]. Айни замон дар ҷумҳурӣ Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият менамояд. Таҳиягарони барномаҳо ва лоиҳаҳо дархостҳоро ба Шурои мазкур пешниҳод менамоянд.

Ҷараёни тасдиқи номгӯи барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникие, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, марҳилаҳои зеринро дарбар мегирад: гузаронидани экспертизаи давлатии илмӣ ва илмию техникӣ; ташаккули номгӯи барномаҳо ва лоиҳаҳое, ки барои маблағгузории давлатӣ тавсия шудаанд; бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа кардани ҳаҷми умумии хароҷоте, ки барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо равона карда мешаванд ва дар моддаҳои дахлдори буҷет барои соли молиявии навбатӣ поягузорӣ мешаванд; тасдиқи номгӯи барномаҳо ва лоиҳаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Месозад, ки пешниҳодҳо оид ба корҳои амалӣ бояд аз корхонаҳои саноатӣ, вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ пайдо шаванд ва бояд ба сохтани намунаҳои таҷрибавии техникӣ, технология, маводҳои нав, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-конструкторӣ ё методӣ равона карда шаванд.

Бояд пешниҳодҳо оид ба корҳои амалӣ бояд аз корхонаҳои саноатӣ, вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ пайдо шаванд ва бояд ба сохтани намунаҳои таҷрибавии техника, технология, моводди нав, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-конструкторӣ ё методӣ равона карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки аз 01 январи соли 2023 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмию тадқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор гирифт. Тибқи қарори мазкур фармоишгари ҳамаи шаклҳои маблағгузорӣ вазорату идораҳои дахлдор муайян карда шудааст.

**Марҳилаи 2. Маблағгузории КИТТЛ.** Низоми маблағгузории тадқиқоти илмӣ маҷмуи пурраи чораҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба ташкили инфрасохтори самаранок равона карда шуда, имкон медиҳад, ҳам таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва ҳам корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ амалӣ бо натиҷабахшии баланд гузаронида шаванд. Дар Тоҷикистон сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ маблағҳои буҷети давлатӣ мебошанд. Таҳлили маблағҳои молиявии барои илм ҷудошуда аз буҷети давлатӣ (расми 1), нишон медиҳад, ки хароҷоти илм ҳар сол меафзояд, аммо аз рӯи ин нишондиҳанда бо назардошти таваррум арзёбии рушди сатҳи таъминоти молиявии илм дар маҷмуъ душвор аст.

Барои баҳодиҳии дақиқтар сохтори маблағгузорӣ, махсусан тақсимоти маблағҳоро дар соҳаҳои гуногуни тадқиқот ва коркардхо баррасӣ кардан лозим аст. Таҳлил кардан муҳим аст, ки кадом соҳаҳои илм маблағгузории афзалиятнокро мегиранд ва ин афзалиятҳо бо мурури замон тағйир меёбанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои стратегии тараққиёти илмро муайян кунем, ки дар онҳо давлат иқтидори калонтаринро мебинад.

Ғайр аз он, тавозуни байни тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ омили муҳим аст. Илми бунёдӣ, дар ҳоле ки ҳамчун асос барои технологияҳои пешрафтаи оянда хидмат мекунад, аксар вақт сармоягузории назаррасро бо бозгашти таъхир талаб мекунад. Тадқиқоти амалӣ, аз тарафи дигар, ба ҳалли мушкилоти мушаххас нигаронида шудааст ва одатан давраи кӯтоҳтари тиҷоратӣ дорад. Мувозинати байни ин ду намуди тадқиқот рақобатпазирии дарозмуддати илми миллиро муайян мекунад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки тавассути он раванди рушди илмро муайян кардан мумкин аст, ин ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД-и кишвар мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳиссаи хароҷоти илм нишон медиҳад, ки дар 10 соли охир он қариб тағйир наёфтааст ва ба ҳисоби миёна 0,11 фоизро ташкил медиҳад. Тағйироти ночиз вуҷуд дошт: масалан, дар соли 2011 он - 0,12 %, дар солҳои 2017 ва 2018

- 0,09% - ро ташкил дод. Дар соли 2020 ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД 0,10% - ро ташкил дод; дар муқоиса бо соли 2010, ин нишондиҳанда 10% коҳиш ёфтааст.

Ҷадвали 3–Ҳаҷми ММД ва ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм

| Солҳо | Ҳаҷми ММД, млн. сомонӣ | Маблағгузории буҷетӣ, млн. сомонӣ | Ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД, % |
|---|---|---|---|
| 2000 | 1786,8 | 1,155 | 0,06 |
| 2005 | 7206,6 | 7,663 | 0,11 |
| 2010 | 24707,1 | 27,581 | 0,11 |
| 2011 | 30071,1 | 35,851 | 0,12 |
| 2012 | 36163,1 | 39,813 | 0,11 |
| 2013 | 40525,5 | 45,037 | 0,11 |
| 2014 | 45606,6 | 50,931 | 0,11 |
| 2015 | 50977,8 | 52,890 | 0,10 |
| 2016 | 54790,3 | 55,503 | 0,10 |
| 2017 | 64434,3 | 60,637 | 0,09 |
| 2018 | 71059,2 | 66,910 | 0,09 |
| 2019 | 79109,8 | 76,401 | 0,10 |
| 2020 | 82543,0 | 82,820 | 0,10 |
| 2021 | 101076,3 | 101,07 | 0,10 |

Таҳлили маълумоти хароҷоти илм нишон медихад, ки дар солҳои охир ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД нокифоя аст ва он аз 0,11% зиёд нест, гарчанде, ки дар дигар кишварҳои тараққикардаи олам ин нишондиҳанда ба 6,0% мерасад.

Ҳадди ниҳоии ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД вуҷуд дорад: агар ҳиссаи хароҷоти илм дар ММД камтар аз 1,0% бошад, пас ин ба амнияти илмии кишвар таъсир мерасонад. Агар чунин тамоюл идома ёбад, маблағгузории нокифоя барои тадқиқоти илмӣ дар оянда метавонад тавонмандиҳои илмии моро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳад ва истиқлолияти технологии моро зери шубҳа гузорад.

Норасоии ҷиддии сармоягузорӣ боиси як қатор оқибатҳои манфӣ мегардад. Якум, ин боиси ба мамлакатдои хориҷӣ рафтани кадрдои баландихтисоси илмӣ мегардад, ки дар он ҷо шароити кор ва тадқиқот хеле беҳтар аст. Олимон дар дохили кишвар дурнамои амалисозии лоиҳаҳои худро надида, маҷбур мешаванд, ки дар хориҷи кишвар кор ҷустуҷӯ кунанд, ки ин ба нерӯи илмии кишвар зарари ҷуброннопазир мерасонад.

Сониян, маблағгузории кам имкониятҳои дастрас намудани таҷҳизоти замонавӣ ва маводи заруриро барои тадқиқоти муосир маҳдуд мекунад. Таҷҳизоти кӯҳна иштирок дар лоиҳаҳои бузурги байналмилалиро ғайриимкон месозад ва рақобатпазирии ҷаҳонии илми ватаниро коҳиш медиҳад.

Сеюм, нарасидани маблағгузорӣ ба рушди инноватсионӣ ва дар истеҳсолот татбиқи тадқиқотҳои илмӣ халал мерасонад. Бе дастгирии кофии ҳукумат ва соҳибкорон лоиҳаҳои тадқиқотии ояндадор амалӣ нашуда мемонанд ва иқтисоди кишвар аз имкони истифодаи технологияҳои нав барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ маҳрум аст

Чорум, вазъияти ба амаломада ба тайёр кардани кадрхои илмӣ таъсири манфӣ мерасонад. Олимони ҷавон дар соҳаи илм набудани дурнаморо дида, касбҳои дигарро интихоб мекунанд, ки ин боиси пиршавии гурӯҳи тадқиқотӣ ва нарасидани мутахассисони соҳибихтисос мегардад.

Масъалаи маблағгузории лоиҳаҳои муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нигароникунанда аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз лоиҳаҳо бо пуррагӣ ва барзиёд маблағгузорӣ мешаванд ва баъзеяшон бошад баръакс кам маблағгузорӣ мегарданд. Вале, сабаби чунин раванд то ба имрӯз номуайян аст. Бинобар ин, дар оянда маблағгузорӣ аз рӯи мавзуъҳои арзишманди илмӣ ва самараноки онҳо ба роҳ монда шавад, ба фоидаи кор хоҳад буд.

**Марҳилаи 3. Иҷрои КИТТЛ.** Ин марҳила, калиди низоми идоракунии **КИТТЛ** ба шумор меравад.

Дар ин ҷо, роҳбарон ва иҷрокунандагони кори илмӣ-тадқиқотӣ дар бораи корҳои иҷрошуда, мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, ки барои тартиб додани ҳисоботи илмию-техникӣ таҳия гардидааст,

ҳисоботи муфассалро ба идораи патентӣ месупоранд ва тасдиқнома мегиранд, ки бо ҳамин кори КИТТЛ анҷом меёбад. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то имрӯз як қатор корҳои зарурӣ номуайян боқӣ мемонад. Аз ҷумла:

- ҳуқуқи иҷрокунандагон, муассисаи илмӣ ва давлат ба НФЗ дар ягон санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст.
- истифодабарии минбаъдаи НФЗ то кунун номаълум аст.

Вобаста ба ин, месазад, ки дар ҷумҳурӣ санади меъёрию ҳуқуқӣ оид ба механизмҳои таҳкими натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ қабул карда шавад.

**Марҳилаи 4. Баҳисобгирии КИТТЛ**. Баҳисобгирии давлатии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро идораи патентӣ амалӣ менамояд. Захираҳои давлатии иттилоотӣ, ки дар асоси қайд ва баҳисобгирии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ташкил карда мешаванд, бояд дастраси умум бошанд, яъне натиҷаҳои бадастомада всеъ дастрас карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд ба муомилоти умум ва ё ба гардиши хоҷагӣ ҷалб карда шаванд. Ҷалб намудан дар муомилоти умум тавассути чопи натиҷаҳои бадастомада, дар нашрияҳои илмӣ ва илмию техникӣ бояд ба амал бароварда шаванд. Идораи патентӣ ҳамасола феҳристи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро нашр менамояд ва дастраси умум мегардонад, ки он нокифоя мебошад. Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ҳамчун объектҳои сарвати миллӣ ҳифз карда шаванд.

Новобаста аз ин корҳои иҷро шуда, бояд низоми ягонаи баҳисобгирии давлатӣ ва нигоҳдории натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии таъйиноти шаҳрвандӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, бо мақсади ҷамъоварӣ, низомикунонӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ таҳия карда шаванд [8]. Барои ин дар мадди аввал бояд, ки мониторинги натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ гузаронида шавад.

**Марҳилаи 5. Назорати ба истифодабарии нфз, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дастовардҳои зиёди зеҳнӣ истеҳсол карда мешавад, ки барои онҳо аз буҷети давлатӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки назорати давлатиро ба истифода ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар бахши шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ, инчунин риояи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба ин дастовардҳоро пурзӯр кард.

Давлат бояд, ки мақомоти ваколатдори давлатиро оид ба ҳуқуқи назорат ва истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ- техникӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омаданд, аз ҷумла объектҳои моликияти зеҳнӣ муайян намояд. Айни замон, дар ҷумҳурӣ вобаста ба масъалаи мазкур мақомоти ваколатдор муайян карда нашудааст. Ҳамчунин, таҳия ва қабули санади меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими тартиби фурӯш ва интиқоли ҳуқуқ ба технологияҳои нав ва объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба даст омадаанд зарур аст.

Дар санади меъёрию ҳуқуқии таҳияшуда, илова намудани бандҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад, аз ҷумла:

Ба давлат, дар шахси мақомоти ваколатдори ҳукумати иҷроия, аз болои соҳаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омадаанд, аз ҷумла объектҳои моликияти зеҳнӣ, бояд ҳуқуқи назорат вогузор карда шавад.

Ташкилотҳое, ки соҳибҳуқуқи объектҳои моликияти зеҳнии аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба даст омада ҳастанд, инчунин ташкилотҳое, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳоро ба натиҷаҳои зикршуда ихтиёрдорӣ менамоянд, бояд вазифадор карда шаванд, ки мунтазам ба мақомоти ваколатдори ҳукумати иҷроия бо риояи махфият маълумот пешниҳод намоянд:

- оид ба ҳамаи арзномаҳо барои додани ҳуҷҷати ҳифозатӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омадаанд;
- оид ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳифозатие, ки ташкилотҳо гирифтанд;
- оид ба ҳамаи созишномаҳои басташудаи ташкилот, ки ба ҳуқуқҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ дахл доранд;

- оид ба ҳамаи далелҳои истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнии сохташуда, аз ҷумла оид ба шартномаҳои литсензионӣ бо шарикони хориҷӣ;

- зарурати таъмини иҷрои кор, ҷиҳати баҳисобгирии бухгалтерии объектҳои моликияти зеҳнӣ ба сифати активҳои ғайримоддӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омаданд;

- зарурати сохтани низоми ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, ки дар муносибати ҳуқуқӣ бударо алоқамандии ҳамаи субъектҳо, аз он ҷумла, сармоягузорон, коллективҳои эҷодӣ ва ташкилотҳоро дар сохтан ва ҷалб намудани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ба гардишҳои хоҷагидорӣ таъмин менамояд.

Тартиби назорат ва идоракунии натиҷаҳои коркардҳои илмӣ-техникии аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омада, ки ба истифодабарандагону иҷрокунандагон вогузошта шудааст, бояд имконияти давлатро дар пурра ба ихтиёри худ гирифтани ҳуқуқи идоракунии ин натиҷаҳо дар ҳолати истифодабарӣ, бо назардошти бехатарии давлатӣ ба назар гирад. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, ки аҳамияти давлатӣ ва мудофиавӣ доранд, бояд бо санадҳои махсуси меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда шаванд.

Ингуна талабот метавонад дар ҳолатҳои зерин ҷой дошта бошад:

- агар ташкилот-соҳибҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ, дар муддати вақти муқарраркардашуда барои амалан истифодабарӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар гардишҳои хоҷагидорӣ чораҳои самарабахш наандешад;

- агар литсензиати ҳуқуқи истисноӣ шартномаро роҷеъ ба истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ё бо маҳсулоти истифода аз онҳо асосан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохташударо вайрон кунад.

Бо мақсади нигоҳдорӣ ва тақвияти неруи илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва бехатарии технологӣ, низоми алоҳидаи назорати давлатӣ ва танзими содироти технологияи таъиноти шаҳрвандидошта, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба даст омадаанд, зарур аст.

Бояд тартиби бақайдгирии ҳатмии хариду фурӯш ва ба даст овардани иҷозат ба содироти технологияҳо, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омаданд, муқаррар карда шавад.

Бояд низоми бақайдгирии давлатии шартномаҳои литсензионӣ (шартномаҳо, созишномаҳо) барои интиқоли технологияҳои таъиноташон умумишаҳрвандӣ, новобаста аз мавҷудияти ҳифзи ҳуқуқии объекти содирот бо додани шаҳодатнома ҷиҳати бақайдгирӣ пешбинӣ карда шавад [9,10].

**Марҳилаи 6. Таҳлили самаранокии КИТТЛ.** Марҳила барои таҳлили мумайизон оид ба истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки онҳо ҳангоми иҷрои КИТТЛ аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд ва ҳамчунин қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ вобаста ба банақшагирии минбаъдаи КИТТЛ пешбинӣ шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили мумайизон қабули қарори дахлдор имконпазир аст, ки муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз корҳои бесамар даст кашида, маблағҳои буҷетӣ ба самтҳои афзалиятнок равона карда шаванд.

Дар асоси таҳлил ва хулосаи мумайизон бояд усулҳои баҳодиҳии самаранокии хароҷоти КИТТЛ омода карда шавад.

Самаранокии КИТТЛ бо назардошти намудҳои гуногуни фоидаи пурсамар, ки тавассути истифодаи натиҷаҳои он ба даст оварда мешаванд, муайян карда мешавад. Масалан:

*Натиҷаи иҷтимоӣ* - дар баланд бардоштани бехатарӣ барои ҳаёт ва саломатии инсон, бехатарии меҳнат, беҳтар кардани шароити меҳнат, коҳиш додани бемориҳои зараровари касбӣ, баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ ва дигар натиҷаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим зоҳир мешавад

*Самаранокии мудофиавӣ* - бо муҳимияти натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии доштааш барои таъмини қобилияти мудофиавии кишвар тавсиф карда мешавад.

*Самаранокии иқтисодӣ* - арзёбии арзиши натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиақтиро муайян намуда, коҳиши арзиши маҳсулот, кор ва хидматрасонӣ ва афзоиши фоидаро зоҳир менамоял.

*Самаранокии илмӣ-техникӣ* - афзоиши истеъмоли дохилиилмиро инъикос намуда, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои дигар тадқиқоти илмӣ (нашрияҳои илмӣ, гузоришҳо, кашфиёт, ҳимояи рисолаҳои илмӣ, ихтироот) истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, барои бо пуррагӣ фаъолият намудани низоми идоракунии КИТТЛ дар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ҳар як ҷузъи низом, ки дар ҳалқаи умумии танзим иштирок мекунад, дар доираи салоҳиятҳои муайяншудаи худ корро ба роҳ монад. Дар мамлакат мақоми ягонаи ҳамоҳангсозро оид ба фаъолияти механизми ташаккули фармоиши давлатӣ барои таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ - амалӣ таъсис додан зарур аст. Инчунин, маблағгузории КИТТЛ аз рӯи мавзуъҳои арзишманди илмӣ ва самаранокии онҳо минбаъд бояд ба роҳ монад шавад. Барои ба танзим даровардани фаъолияти соҳа, муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳуқуқи назорат ва истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ – техникӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба даст омаданд, аз ҷумла объектҳои моликияти зеҳнӣ ба фоидаи кор хоҳад буд. Барои татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот ва тиҷоратикунонии онҳо, гузаронидани мониторинги натиҷаҳои фаъолитяи илмӣ ва илмӣ-техникӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба даст омадаанд, ба мақсад мувофиқ аст. Таҳия ва қабули санади меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими тартиби фурӯш ва интиқоли ҳуқуқ ба технологияҳои нав ва объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ бадаст омадаанд, ба рушди механизмҳои эҷодии моликияти зеҳнӣ ва идоракунии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ замина хоҳад гузошт.

*Муқарриз: Партоев Қ. — д.и.к., профессор, мудири озмоишгоҳи «ГваСР»-и Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.*

## Адабиёт


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».;
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Р. Салимов. Региональная модель системы управления НИОКР – основа рынка интеллектуальной собственности // Интеллектуальная собственность. Промышленная собственность. – 2016. – № 1. – С. 27–34.
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар. ш. Душанбе. 30.05.2024
5. Репутация Canon [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.canon.com.mx/canon/innovacion (дата обращения: 20.08.24).
6. Махзани маълумотии «Патентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» МД ММПИ.
7. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ».
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои фармоишии илмию таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ - СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ - INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Миралиев Қиёмиддин Хурсанҷонович | Миралиев Киёмиддин Хурсанджонович | Miraliev Kiyomiddin Khursandjonovich |
| Муовини сардори раёсати иттилооти илмӣ техникӣ ва патентӣ | заместитель начальника Управления научно-технической и патентной информации | Deputy Head of the Scientific, Technical and Patent Information Department |
| Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Государственное учреждение «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан | State Institution "National Patent Information Center" of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan |
| E-mail: kostya2003@inbox.ru | | |